Тақризи

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Азизов Фируз «Ток-шоу ҳамчун жанри телевизионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ тавсия мешавад.

Телевизион аз он шаклҳои электронии васоити ахбор ба ҳисоб меравад, ки дар қиёс бо дигар навъҳои ВАО аудиторияи бештарро соҳиб мебошад. Фазои иттилоотиро низ телевизион бештар шакл бахшида, аз нигоҳи эътимод матолиби он боварибахштар мебошад. Минбари телевизион аз ҳама лиҳоз ҷиддият дошта, мухотабононро ба сифати сарчашмаи ахбори муътамад мепазиранд.Таъйиноти иттилотии он ҳамеша афзалият дорад ва бинобар рақобати олами афкору олами ахбор вазифаи фароғативу андармонсозии он ҳеҷгоҳ истисно намебошад ва ба ин васила таъсири амиқи он ба афкори маънавии аҳли башар ҳеҷ гоҳ қатъи назар нест. Телевизион дар доираи сабқату рақобати маълум талош менамояд, ки ба воситаи барномаҳои таҳлиливу ташреҳӣ ва фароғативу андармонсоз диққати оммаро ҷалб намояд. Дар телевизион жанрҳои иттилоотӣ шаклҳову қолабҳои нав ба нав касб карда, дар баробари ин жанрҳои наве ба миён омадаанд, ки бо ширкати одамони зиёд таҳияву пешниҳод мегарданд. Дар студияи телевизион ҷамъ омадани гуруҳи одамон ва дар бораи мавзуи маълуме баҳс оростан ва аз ҷониби журналист (шоумен) идора намудани сӯҳбат, торафт доманаи васеъ пайдо намудаистодааст. Ин гуна қолабу доираро дар соҳаижурналистикаву публитсистика ток-шоу меноманд, ки чандон таърихи тӯлонӣ надорад. Махсусан, дар системаи жанрии телевизионҳои ватанӣ ин жанр аз чандин лиҳоз нав ва қобили таваҷҷӯҳ мебошад.

Аҳамият ва арзиши илмии диссертатсия дар он аст, ки омӯзиши вазифаҳову махсусиятҳои ток-шоу ҳамчун жанр, мушаххас намудани баъзе ҷанбаҳои таърихии ин жанр, муайян намудани мақому арзиши ток-шоу дар шабакаҳои телевизионии дохиливу берунӣ нақши муътақидсозии онро дар миёни дигар жанрҳои телевизионӣ дар фазои иттилоотӣ нишон медиҳад.

Бо назардошти ин, мавзӯи таҳқиқи унвонҷӯ Азизов Фируз «Ток-шоу ҳамчун жанри телевизионӣ» саривақтӣ ва мубрам буда, дорои арзиши баланди

илмӣ мебошад. Дар пажӯҳиши мавзӯъ Ф.Азизов ӯ муносибати илмӣ намуда, таҳлилу ташхис, назару андеша, мубоҳисаву хулосаҳои таҳқиқотиашро дар такя ба андешаҳои олимони соҳаҳои гуногун бо асноду далелҳо асосноку исбот намудааст. Дар рисола бори аввал жанри ток-шоу дар саҳифаҳои телевизионҳои ватаниву хориҷӣ ба таври фарогир ва дар алоқамандӣ бо якдигар мавриди таҳқиқ қарор дода мешаванд.

Таҳлилу таҳқиқи баъзе паҳлуҳои жанрӣ, омилҳои пайдоиш, доираву муҳити барномаҳои телевизионӣ, ҷиҳатҳои мавзуиву мундаричавӣ, махсусиятҳои сабкиву услубӣ ва умуман вижагиҳову вазифаҳои хоси ток-шоу дар самти пажӯҳишҳои системаи жанрии телевизионӣ иқдоми аввалин мебошад. Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 6 фасл, хулоса ва феҳристи адабиёту сарчашмаҳо иборат аст. Бо назардошти ҳадафи таҳқиқ, бобҳои рисола мантиқан ҳамдигарро пурра мекунанд ва фаслҳо низоми фикри муҳаққиқро таъмин кардаанд. Дар шакли муназзам ифода кардани ҳадаф моҳияти мақсади пешгузошташударо возеҳ намудаааст.

Боби якум “Ҷамбаҳои таърихӣ ва функсионалии ток-шоу” ном гирифта, аз ду фасл иборат гардидааст. Дар фасли аввали ин боб, ки “Омилҳои пайдоиш ва ташаккул дар телевизион” унвонгузорӣ шудааст, муаллифи диссертатсия заминаҳову асосҳои пайдоиши ток-шоуро ба таври маҷмӯӣ дар телевизион баррасӣ намуда, унсурҳои баёни воқеият, мушоҳидаву таҳқиқ, баррасиву тафсил, факту аснод ва хулосаву муҳокимаро ҳамчун ҷузъиёти созандаи ин жанр бозгӯ менамояд. Чунин аҷзо ба сифати омилҳову заминаҳои ташаккулдиҳандаи ин жанр арзёбӣ мегарданд, ки оғози он ба солҳои ҳафтодуми асри гузашта марбут дониста мешаванд .Дар фасли дуюми ин боб бо номи “Вижагиҳои жанри ток-шоу” табиати жанрии ток-шоу дар ҳамбастагиву алоқамандӣ бо дигар жанрҳои журналистикаи телевизионӣ таҳқиқ гардидааст. Дар ин самт муаллиф чунин хулоса дорад, ки такрори қолабу вазифаҳои жанрҳои дигари телевизионӣ дар ток-шоу ва бартарияту афзалияти ток-шоу дар рақобат бо дигар жанрҳо ба сифати жанри алоҳида шинохта шудани онро таъмин кардаанд.

Боби дуввуми диссертатсия “Мавқеъи ток-шоу дар низоми барномаҳои телевизонӣ” ҳам аз ду фасл иборат гардида, дар он масъалаҳои рушду инкишофи жанри мазкур дар телевизионҳои ватанӣ ва баъзе уфуқҳои мавзуиву мундаричавӣ мариди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар фасли “Ташаккули ток-шоу дар Тоҷикистон” муаллифи диссертатсия чунин ақида дорад, ки намунаҳои ток-шоу дартелевизиони тоҷик таърихи тӯлонӣ дошта бошад ҳам, аммо имрӯз дар шабакаҳои ватании мо пешниҳоди чунин барнома дар доираи маҳдуд ба назар мерасад. Дар фасли дигари ин боб бо номи “Ҷамбаҳои мундаричавӣ ва мавзӯии жанри ток-шоу” муҳаққиқ чунин нуқтаи назар дорад, ки истиқлоли эҷодии муаллифони барномаҳо дар нишон додани ҳаёти бонувон, масъалаҳои санъату ҳунар, зиндагии иҷтимоии мардум ва баъзе муаммову мушкилоти зиндагӣ то андозаи маълум мусоидат кардаанд.

Боби сеюми диссертатсия, ки “Махсусиятҳои публитсистии жанри ток-шоу”унвонгузорӣ шудааст, масъалаҳои омӯзиши сабку услуб, махсусиятҳои бадеиву фалсафӣ, маҳорати модераторӣ ва корбасти баъзе унсурҳои публитсистиро дар доираи ин жанр фаро гирифтааст. Фасли аввали ин боб бо номи “Таҳияи ток-шоу ва нақши шоумен, модератор ва интервюер” муаллиф аз чандин равзанаҳо заҳмати маҷмӯӣ дар сохтори жанри ток-шоу, шинохту нақши журналист (шоумен) дар пуробуранг гаштани барномаҳо, саҳми модератор дар пурра гаштани холигаҳи фазои барнома ва самтҳои нав бахшидан дар доираи мавзуъ ва сатҳи маҳорату завқи интервюерро дар шаклгирии ҷолиби барнома таҳқиқ менамояд. Дар фасли дуввуми боби сеюм, ки “Воситаҳои муассиргардонии сухан дар жанри ток-шоу” номгузорӣ шудааст, ҷиҳатҳои равониву бадеии гуфтор, ҳаллу фасли масъалаи матраҳгардида бо таъсири каломи ҷолиб, василаҳо ё имконоти барномаҳои шифоҳӣ аз рӯйи шаклу мавзӯъ ва ташхиси муваффақонаи моҳияти иҷтимоии мавзӯот баррасӣ карда мешавад. Ба андешаи муҳаққиқ ҷузъиёти муҳими уфуқҳои муоширати муаллиф барнома дар заминаи донишҳову ҷаҳонбиниҳо ва омодагии қаблӣ боис мешаванд, ки барномаи пешкашгардида маҳбубияту нуфуз пайдо намояд.

Хулосаҳои таҳқиқоти Ф. Азизов ифодакунандаи мундаричаи диссертатсия буда, бо маводи зиёди назариявию амалӣ ва далелу аснод асоснок карда

шудааст. Автореферат ва маводи доир ба мавзӯи диссертатсия интишорнамудаи муаллиф - 5 маводи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд. Азизов Ф.Ш дар давраҳои пажӯҳиши мавзӯъ худро ҳамчун муҳаққиқи масъулиятшинос нишон дода, дар таҳқиқи мавзӯи илмӣ ҷиддӣ машғул шуд, бо роҳбари илмии худ дар робитаи доимӣ қарор дошт, доир ба паҳлуҳои гуногуни мавзӯи таҳқиқ осори илмӣ ба нашр расонд, дар ҳамоишҳои илмӣ иштирок ва суханронӣ кард.

Диссертатсияи Азизов Фируз Шарифович *««Ток-шоу ҳамчун жанри телевизионӣ»* кори баанҷом расида буда, ба талаботи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ ва ӯ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Роҳбари илмӣ: Қутбиддинов А.Ҳ.,
доктори илми филология,
дотсент
Суроғa:
734025, хиёбони Рӯдакӣ, 18,
шаҳриДушанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
E-mail: adab-75@mail.ru

«Тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.